ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи «Нақши маҷаллаи "Садои Шарқ" дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10. 01. 01- Адабиёти тоҷик

Дар ҳаёти адабии Тоҷикистон дар давоми солҳои 70-90-и асри гузашта нақши маҷаллаи "Садои Шарқ" хеле муҳим арзёбӣ мешавад, зеро нахустин нигоштаҳои адибони тоҷик дар сурати шеъру достон, осори мухталифи мансур, таҳқику баррасии масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ нахуст дар саҳифаҳои он ба дасти чоп мерасиданд. Ҳатто осори манзум ва мансури нашршуда аз мизони нақди адабии маҷалла гузашта, баъдан бо назардошти мулоҳизоти баёншуда ба сурати китоб рӯи чоп меомаданд. Аз нигоҳ, дар воқеъ на танҳо дар ин солҳо, балки дар тамоми солҳои мавҷудияти хеш маҷаллаи мазкур дар ташаккули муҳити адабии кишвар, хоса инкишофи нақду сухансанҷӣ нашқи муассире гузоштааст. Бар ин асос, рисолаи номзадии Қодирова Дилноза, ки ба таҳқиқи ҳамин ҷойгоҳи маҷалла дар ташаккули нақди адабии тоҷик дар солҳои 70-90-и асри XX бахшида шудааст, аз арзиш ва аҳамияти муҳими илмӣ бархурдор мебошад, зеро дар ҳақиқат ҳарчанд мақолаҳои ҷудогонае дар бораи саҳми маҷалла дар инъикоси масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ ба қалам омадаанд, аммо ҳанӯз ҷойгоҳи он дар рушди нақди адабии тоҷик ба сурати рисолаи илмии мустақил мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор нагирифтааст. Ин аст, ки бо итминон метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Қодирова Дилноза аз тозаҳои хосаи илмӣ бархурдор буда. бегумон ҳамин холигоҳи илмиро пур мекунад.

Аз фишурдаи рисола бармеояд, ки диссертант дар навбати аввал маҷмуи мақолоти марбут ба нақди адабии маҷалларо дар солҳои

мавриди таҳқиқи мутолеа намуда, барои муназзам ҷараён гирифтани андешаҳои илмиаш мабоҳиси хешро роҷеъ ба ҳар яке аз тамоюлҳои он ба таври мутақил баён доштааст. Нахуст, кӯшидааст, ки жанрҳои аслии нақди адабии маҷалларо ба сурати мақола ва чеҳраи адабӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар баробари ин, масъалаҳои нақди шеър, нақди осори бадеӣ ва нақди нақдро дар алоҳидагӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, бар асоси он натиҷаҳои қобили таваҷҷуҳи илмӣ ба даст овардааст, ки ин нукта ба таҳлилҳои ҳамаҷониба ва мустанади диссертант таъкид меварзанд.

Хулосаи илмии диссертант низ бар асоси таҳлилҳои ҷиддии масъаҳои меҳварии диссертатсия ба қалам омада, дар фишурда дар 9 банд ба таври мушаххас ҷамъбаст шудаанд. Чунин натиҷагирӣ аз он дарак медиҳад, ки муаллиф ба масъалаҳои меҳварии мавзӯъ дар заминаи мутолеаи фарохи маводи аслии тадқиқот, яъне мақолаву нигоштаҳои дигари дар саҳифаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ” ба чоп расида амиқ назар карда, бо назардошти талабот ва меъёрҳои нави нақду сухансанҷии имрӯз онҳоро шарҳу тафсир мекунад. Рисола ба сабки ҷавобгӯ ба таълифоти рисолаҳои илмӣ ба қалам омада, ҷиҳати мустанад баён гардидани матолиби таҳқиқӣ диссертант аз осори зиёди назарии муҳаққиқон ва мунаққидони маъруфи тоҷик, ки дар он солҳо ба нақду баррасии масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ машғул буданд, истифода намудааст.

Дар баробари ин дастовардҳо зимни мутолеаи автореферати диссертатсия маълум гардид, ки дар ҷараёни баҳсу баррасиҳо баъзе масъалаҳо аз доираи таҳқиқ берун мондааст ё имкон дошт, ки барои такмили ҷанбаҳои илмии рисола матолиби дигаре ҳам бар он афзуда шавад.

1). Диссертант зимни таснифи жанрҳои нақди адабӣ асосан ба мақола ва чеҳраи адабӣ руҷуъ намудааст. Маълум аст, ки яке аз жанрҳои

мустаъмал дар накди адабӣ, ки чи саҳифаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ” ва дигар воситаҳои ахбори умум ба нашр расидааст ва мерасад, такриз ба шумор меравад. Маълум аст, ки дар ҳар шумораи маҷаллаи “Садои Шарқ” бахши ҷудогонае ба ин жанри накди адабӣ ихтисос дода мешуд, ки ба назари мо диссертант шояд ба хотири маҳдудаи диссертатсияҳои номзадӣ аз баррасии он сарфи назар намудааст. Ба андешаи мо, хуб мебуд, ки ҷойгоҳи ин жанр низ зимни таснифоти жанрҳои накди адабӣ дар рисола баррасӣ ва муқаррар карда мешуд.

2)Маълум аст, ки дар саҳифаҳои маҷаллаи “Садои Шарқ” мақолаҳои адабиётшиносии зиёде ҳам ба нашр расидаанд, ки ҷанбаҳои накдии онҳо низ зиёд мебошанд. Махсусан, мақолаҳое, ки ба масъалаҳои матншиносии осори классикӣ, равишҳои тасҳеҳи мутуни адабӣ ва амсоли ин бахшида шудаанд, аз арзишҳои муҳим дар накди адабӣ низ бархурдоранд.Руҷуи муаллиф ба ин бахши мақолот ва таъйини арзишҳои илмӣ ва ҷанбаҳои қобили аҳамияти онҳо дар накди адабӣ барои такмили қимати илмии рисола метавонист муассир ояд.

3) Дар баъзе ҷумлаҳо калавишҳои услубӣ дида мешавад, киислоҳи онҳо ба салоҳи кори муаллиф хоҳанд буд. Аз ҷумла, дар ҳамин ду ҷумлаи бахши “Аробатсия” чунин ҳолат ба назар мерасад. “Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи (?) кафедраи назария ва таърихи адабиѐти факултети филологияи тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ № 6, аз 02 январи соли 2019 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст”. Дар ҳоле, ки ҷаласа дар як кафедра сурат гирифтаст, истифода калимаи “якҷоя” зарурат надорад. Дар ҷумлаи баъдӣ низ ба сурати зайл омадааст: “Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар шакли панҷ мақолаи (?)тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ѐфтааст” ибораи “дар маҷаллаҳои” афтодааст.

Албатта, ин камбудиҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва пешниҳодоти манзурнамудаи моро диссертант

метавон дар оянда барои такмили корҳои илмии хеш ба ҳангоми ба сурати монографияи илмӣ ба нашр расонидани диссертатсия ба эътибор бигирад. Дар умум, диссертатсияи Қодирова Дилноза Лутфуллоевна дар мавзӯи «Нақши маҷаллаи "Садои Шарқ" дар нақди адабии тоҷикии солҳои 70-90-и садаи XX» таҳқиқоти тозае дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, он кори анҷомёфта ва ҷавобгӯ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Аз ин рӯ, диссертант Қодирова Дилноза Лутфуллоева шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз аз рӯи ихтисоси 10. 01. 01- Адабиёти тоҷик мебошад.

Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики
ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Нуралӣ Нуров

Имзои дотсент Нуралӣ Нуровро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳои
ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров З. Ашрапова